«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор
____________________Ибодуллозода А.И.
“____” ____________ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи номзадии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) (илмҳои педагогӣ)

Дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсияти соҳибсаводи зудҳаракате мебошад, ки барои мустақилона ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва азхудкунии маҳорати амалӣ қобилият дорад.

Дар марҳалаи муосири низоми таҳсилот яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълим ин гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки ба навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи риёзиёт равона карда шудаанд.

Бо назардошти аҳамияти ин муаммо ва тақвият бахшидан ба нерӯи зеҳнии ҷомеа Ҳукумати мамлакат солҳои 2020–2040 – ро бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон намуда, инчунин, ҷиҳати амалисозии ин иқдом доир ба гузаронидани озмуни ҳарсолаи “Илм – фурӯғи маърифат” қарор қабул кард. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Дар шароити муосир педагоге зарур аст, ки эҷодкорона андеша меронад ва босалоҳият аст, барои амалӣ кардани фаъолияти касбии гуногунҷиҳат, густурда ва иҷтимоӣ қобилият дорад; хушодоб ва дорои ҳисси эмпатия буда, дар муносибат бо кӯдак ва наврас таҳаммулпазир аст; ба худ хос будани хислат ва мухторияти нисбии худинкишофи ӯро дарк менамояд; дорои маҳорати таъмин кардани муошират дохилигурӯҳӣ ва байнигурӯҳӣ, ҳалли низоъ дар коллективи бачагон аст; ҳамеша барои худинкишофёбӣ кӯшиш намуда, шавқи бачагон ва ҳамкоронро ҳамчун шахсияти ҳадафманд ва боғайрат бедор месозад.

Чӣ хеле, ки Қаҳорова С.Х. дар диссертатсияи хеш баён мекунад, шарти муҳимтарини фароҳам овардани асосу ангезаҳои хонандагон ба азхудкунии маҷмӯи зарурии донишҳо инкишоф додани шавқи маърифатии онҳо мебошад.

Муаммои ташаккули шавқи маърифатии хонандагон ва омода кардани кадрҳҳои педагогии сатҳи тахассусашон баланд дар таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Ба ҳалли муаммои мазкур ба андозаи назаррас самаранокии раванди таълим вобаста аст, зеро шавқу рағбат фишанги муҳими фаъолияти маърифатии мактаббача ва воситаи асосии беҳтаргардонии он мебошад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Қаҳорова С.Х. дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи Қаҳорова С.Х. аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳои бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳрасти адабиёт ва замимаҳоро дарбар гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия "Асосҳои психологӣ–педагогии рушди шавқи маърифатии мактаббачагон" номгузорӣ шудааст, аз 3 зербоб иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо равандҳои худро доранд. Дар боби аввали диссертатсия диссертант дуруст қайд намудааст, ки дар сурати ташаккули шавқу рағбати устувори хонандагон ба маърифат раванди

таълим самарабахш ҷараён гирифта, донишҳои онҳо амиқу мустаҳкам мешаванд. Зери таъсири шавқу рағбат равандҳои когнитивӣ (идрок, азхудкунӣ, тафаккур, мушаххасгардонӣ ва ғ.) фаъол мегарданд. Мавҷудияти шавқи маърифатӣ дар мактаббачагон барои афзудани фаъолнокии онҳо дар дарсҳо, ба ташаккули рӯҳияи мусбати эмотсионалии раванди таълим мусоидат менамояд. Пеш аз баррасии асосҳои назариявии омодагии омӯзгорон барои кор оид ба ташаккули шавқи маърифатии хонандагон пеш аз ҳама, асосҳои назариявии худи мафҳуми «шавқ» бояд мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар кори диссертатсионӣ оид ба робитаи дутарафаи байни ташаккули ангезиш ба таълим ва самаранокии раванди таълим, ки хусусияти эҷодӣ пайдо менамояд, маълумот оварда шудааст. Ба раванди мазкур ҷиҳатҳои зерин хос мебошанд: инкишофи мақсадгузорӣ дар таълим, ки ҳамчун детерминанти асосӣ барои зоҳиршавии шавқу рағбатҳои нав баррасӣ мешавад; ташаккули воситаҳои таъсироти мутақобил ва ҳамкорӣ байни муоширакунандагон; гузариш аз ғояҳои калидӣ, принсипҳои умумӣ ба мушаххасгардонии онҳо ва гузариши баръакс, бо мақсади нигоҳ доштани шавқу рағбат ба таълим. Тамоми нуктаҳои зикршуда дар мактаббача дарки томи маводи иттилоотиро ташаккул медиҳад.

Вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар хонандагон ангезиши ботинии омӯзишро бедор намояд, зеро он замина барои фаъолияти ҳадафмандонаи маърифатии онҳо ба шумор меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия “Имконияти педагогии омодагии омӯзгорони ояндаи математика ба рушди шавқи маърифатии хонандагон”- роҳҳои инкишофи таҷрибаи эҷодии омӯзгорон оид ба баланд бардоштани сатҳи шавқи маърифатии мактаббачагон дар заминаи ташкили фаъолияти таълимии онҳо, маҷмӯи воситаҳои педагогӣ оид ба такмили омодагии омӯзгорони оянда барои инкишофи шавқи маърифатии хонандагон баррасӣ гардида, самаранокии педагогии кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба омодагии омӯзгорони оянда ба ташаккулу

инкишофи шавқи маърифатӣ муайян карда шудааст.Диссертант дар рисолаи хеш қайд менамояд, ки зимни ташкили мушоҳидаи кори омӯзгори математика ва дар рафти он вазифаҳои зерин гузошта шуданд: муайян кардани он, ки омӯзгор дар дарси математика кадом шаклҳои фаъолияти хонандагонро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шавқи маърифатии онҳо истифода мебарад; ошкор кардани он, ки омӯзгор зимни ба роҳ мондани ин ё он шакли фаъолияти хонандагон бо кадом мушкилот рӯбарӯ мешавад.

Диссертант Қаҳорова С.Х. таъкид мекунад, ки таҳлили таҷрибаи пешқадами омӯзгорон нишон доданд, ки шавқи маърифатӣ мисли ҳама гуна раванди психикӣ дар фаъолият ташаккул меёбад. Дар заминаи муносибати умумии нисбат ба таҳсил, ба фаъолияти таълимӣ, ба чеҳраҳо ва объектҳои дар он иштироккунанда худи фаъолияти таълимии хонандагон, ки омӯзгор ба роҳ мемонад, ташаккули шавқи маърифатиро ба анҷом мерасонад. Зимнан, дар синни хурди мактабӣ самтгирӣ ба воситаи фаъолияти таълимӣ тавлид мешавад. Дар синни миёнаи мактабӣ ин самтгирӣ дар фаъолияти муштараки коллективии мактаббачагон мустаҳкам мешавад. Дар синни калони мактабӣ азхудкунии воситаҳои умумии амалиёт бо вазифаҳои касбинтихобкунӣ ва фарогирии роҳҳои худомӯзӣ алоқаманд мебошад.

Муаллиф дар ин боб қайд менамояд, ки дар рафти кор маълум гардид, ки донишҳои суст ва пешрафти сатҳаш паст дар донишҷӯёне ба назар мерасанд, ки шавқу рағбати онҳо ба фан дар сатҳи паст қарор дорад. Дар мувофиқат бо ин эътироф бояд кард, ки мавҷудияти шавқу рағбати устувор ба фанни махсус дар омӯзгори оянда шарти ҳатмии омодагии самараноки ӯ ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон мебошад. Сабаби коҳиши шавқу рағбат ҳам ба сатҳ, ҳам ба сифати тадриси баъзе фанҳо ҳамчунин дар он аст, ки «низоми мавҷудаи таҳсилот ба бунёди афзалияти омӯхтан ва дониш, ба ташаккули шавқи маърифатӣ дар донишҷӯён нигаронида нашудааст».

Кайд кардан зарур аст, ки яке аз воситаи самараноки инкишофи шавқи маърифатӣ маводи таърихӣ мебошад. Дар машғулияти амалӣ, ки ба методикаи истифодаи маводҳои таърихӣ бахшида шудааст, донишҷӯён маҳорати мустақилона дарёфтан, коркард намудан ва истифода бурдани маводи таърихии ба мавзӯъҳои дахлдор вобастаро ташаккул доданд. Донишҷӯён шаклҳои ба роҳ мондани таълим, мисли «дарсҳои таърихи математика», шабнишиниҳои шавқовар, конференсияҳои мавзӯиро пешниҳод карданд. Воситаҳои истифодаи маводи таърихи фанро аз худ карда, донишҷӯён ба самарабахшии онҳо эътимод ҳосил намуданд ва дар фаъолияти худ минбаъд ба кор бурданд.

Воситаи дигари инкишофи шавқу рағбат, ки дар машғулияти амалӣ баррасӣ гардид, масъалаҳои математикӣ буданд. Масъалаҳое, ки воситаи самарабахш ва аксаран ивазнашавандаи азхудкунии курси математика мебошанд, манбаи шавқи маърифатӣ низ мебошанд. Дар машғулиятҳо донишҷӯён масъалаҳои аз рӯйи мавзӯи муайян интихобшуда ва ғайриқолабӣ, софизмҳои математикиро пешниҳод мекарданд, ки барои бедор намудан ва инкишоф додани шавқи маърифатӣ истифода мешаванд.

Дар диссертатсия барои таҳлили натиҷаҳои ба дастомада таҷрибаи усулҳои пурсиш (анкетагузаронӣ) ва саволномавӣ истифода карда шуданд. Дар маҷмӯъ ин усулҳо имкон доданд, ки ба донишҷӯён ба ҳамаи саволҳои дар боло гузошта ҷавоб диҳанд.

Диссертант Қаҳорова С.Х. бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз маъхазҳои зарурӣ иқтибос овардааст.

Бояд зикр кард, ки автореферати Қаҳорова С.Х. асоснокӣ ва мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳқиқ, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳамияти назарии таҳқиқот, фарзия ва аҳамияти амалии таҳқиқот, нуқтаҳои барои дифоъ

пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст ва бо мазмун ва мӯҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, онро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки аз тарафи диссертант вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ 12 адад мақолаҳои илмӣ, ки аз он 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи илмӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расонида шудааст.

Ҳангоми баррасии диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе аз нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки таъкид ва ислоҳи онҳо боиси баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти мазкур мегардад:

1. Дар асоси кадом тадқиқотҳо шумо манбаъҳои асосии таҳрик додани шавқи маърифатии хонандагонро муайян кардед.

2. Шумо сабабҳои кори ғайриқаноатбахши омӯзгорро дар мавриди инкишофи шавқу рағбати хонандагон дар чӣ мебинед ва онро эзоҳ медодед.

3. Хуб мешуд, агар дар рисола оиди фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ тавсифи бештар дода мешуд, ки моҳияти он барои хонанда боз ҳам равшану возеҳ мегардид.

4. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия хатогиҳои услубӣ ва имловӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебуд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Қаҳорова С.Х. ба шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) арзанда аст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ бо иштироки довталаб муҳокима шуда, тақриз тасдиқ карда шудааст.(Қарори № 28/2 аз 31майи соли 2023 с.)

Тақриз аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т. А. омода шудааст

Мудири кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳӣ,
н.и.п., дотсент Мансурова Ҷ. С.

Роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Арбобова Ф.А.

Эксперт, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Ахадов З.

Котиби ҷаласа Хоҷаева Г.

*Имзоҳои Самиев Т. А., Мансурова Ҷ. С., Арбобова Ш.С., Ахадов З.,* Хоҷаева Г.*-ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ* Мустафозода А.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
E-mail: infotgpu.tj, тел: (+992)23722241383